ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Шаҳовудинов Нуридин Субҳонқулович дар мавзуи «Масъалаҳои ҳастӣ дар фалсафаи метафизикии Ибни Сино», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори ҳабилитат аз рӯйи ихтисоси Таърихи фалсафа пешниҳод гардидааст

Автореферати диссертатсия аз бахшҳои тоҷикӣ ва русӣ иборат буда дар умум 141 саҳифаро ташкил медиҳад. Дар муқаддимаи автореферат маълумоти муфассал ва зарурӣ доир ба нуктаҳои асосии диссертатсия аз қабили мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши масъалаи мавриди таҳқиқ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо, мақсади таҳқиқ, вазифаҳо, обект ва субекти таҳқиқот, марҳалаҳои тоҳқиқот, асосҳои назарӣ, заминаҳои эмпирикӣ ва дигар нуктаҳое, ки доир ба диссертатсия як тасаввуроти фарогир ба вуҷуд меоварад, дода шудааст. Ҳамчунин оид ба сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ва шумораи мақолаҳое, ки дар асоси таҳқиқот ба даст омадааст, маълумот дода шудааст.

Мавзуи диссертатсия, он гуна ки аз шарҳи муаллиф дар оғози автореферат бармеояд, дар шароити кунунӣ мубрам ва актуалӣ мебошад. Зеро бо дарназардошти мураккабии вазъи сиёсие, ки дар ҷаҳон ҳукмрон аст, Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша бар худшиносии миллӣ, ифтихор аз таърих, адабиёт ва фалсафаи ниёгон таъкид менамоянд. Дар ҳамин муносибат ҳамеша аз бузургони илму фалсафаи гузашта бо ифтихор ёд менамоянд, ки яке аз чунин шахсиятҳо Абуалӣ ибни Сино –фарзанди фарзонаи миллати тоҷик мебошад.

Дар **боби аввали** рисола муаллиф ба масъалаҳое даст задааст, ки барои шинохти дурусти фалсафаи Ибни Сино нақши муқаддимавӣ ва ё сарчашмавиро мебозанд. Аз ҷумла муаллиф таъкид менамояд, ки дар байни фарҳангҳои гуногун ҳамеша равобити илмию маънавӣ ва таъсирпазириҳо вуҷуд доштанд, ки он хусусияти дуҷониба дошт. Намунаи ин таъсирпазириҳо густариши фалсафаҳои юнонӣ, ҳиндӣ ва эронӣ дар минтақаи Шарқи наздик дар даврaи пешазисломӣ ва оғози густариши ислом мебошад. Фалсафаи асримиёнагии тоҷик дар замон ва маконе ба вуҷуд омад, ки дар он ҷо аллакай заминаи қавии фарҳангӣ ба вуҷуд омада буд.

Абуалӣ ибни Сино муҳити илмии замонашро хеле хуб мешиносад ва худ дар мавриди Абунасри Форобӣ ҳамеша бо эҳтиром сухан мегӯяд ва маълум аст, ки бо ин ҳам дар шиносонидани фалсафаи Афлотун ва Арасту ба хонандагони мусалмон ва ҳам дар заминасозӣ барои фалсафаи асримиёнагӣ нақши калон бозидааст. Ба фалсафа ва эҷодиёти Форобӣ бахшидани як фасл барои дарки беҳтари фалсафаи Форобӣ амали муҳим мебошад.

Ҳамин тавр дар фасли савум муаллиф ба шарҳи метафизика дар фалсафаи Ибни Сино оғоз менамояд. Ҳастии метафизикӣ аз ҳастии математикӣ ва физикӣ бо он фарқ менамояд, ки он мутлақ буда, дорои хусусияти сирф абстрактӣ мебошад.

Боби дувуми рисола дар автореферат ба таҳлили мухтасари масъалаҳои бунёдии метафизикӣ, ки дар диссертатсия инъикос ёфтаандро инъикос менамояд. Ҳамин тавр дар бобҳои дигар бевосита масъалаҳои метафизикӣ мавриди баҳс қарор мегиранд.

Дар мавриди масъалаи асосии диссертатсия муаллиф исбот менамояд, ки Ибни Сино дар афкори фалсафии худ бештар ба Арасту таваҷҷуҳ намудааст. Зеро ҳам барои Арасту ва ҳам барои Сино ҳастӣ таърифнашаванда, умумитарин ва шинохтатарин мафҳум мебошад. Шарҳе, ки муаллифи диссертатсия дар ин маврид додааст, метавонад ҳақиқати хосиятҳои мафҳуми ҳастиро ошкор созад. Дар ҳамин муносибат муаллиф нахустин маротиба дар таърихи фалсафаи тоҷик мафҳуми чизро мавриди таҳлил қарор додааст. Мавқеи худро муаллиф чунин мудаллал мекунад, ки "ҳамеша андешаи ҳукмрон он буд, ки Ибни Сино зери таъсири фалсафаи юнонӣ, бахусус Арасту ва навафлотуния қарор дорад, аммо баъзе муҳаққиқони ғарбӣ, ки дар диссертатсия номашон омадааст, исбот намудаанд, ки дар баъзе мавридҳо Ибни Сино бевосита аз мутафаккирони исломӣ таъсир гирифтааст ва ё дар фалсафаи арастуӣ тағироти бунёдӣ ворид намудааст".

Докторант дар мавриди ҳастӣ муҳокима ронда онро чун аввалин маънис қайд карда аст, ки барои зеҳн худ аз худ маълум аст, мафҳумҳои дигар зоҳиран шинохтатар аз ин мафҳум ҳастанд, аммо дар воқеият, ҳастӣ шинохтатар нисбат ба дигар мафҳумҳо аст. Дар боби дувуми рисола масъалаи ҳастӣ ва яке аз навъҳои он, яъне воҷиб-ул-вуҷуд мавриди таҳлил қарор мегирад. Муаллиф нишон медиҳад, ки ҳастӣ се навъ буда, аз ҳамдигар вобаста мебошад ва ҳангоми таърифи яке ҳатман навъҳои дигар хотиррасон мегарданд. Дар фасли баъдӣ бошад, мафҳуми "воҷиб-ул-вуҷуд", чун дорои хосиятҳои фарқкунанда аз мафҳуми "мумкин-ул-вуҷуд" мавриди таҳлил қарор мегирад. Аввал нишон дода мешавад, ки он ҳеҷ як аз хосиятҳои "мумкин-ул-вуҷуд"ро доро нест ва минбаъд ақли маҳз, хайри маҳз ва саодати маҳз будани ҳастии воҷиб асоснок карда мешавад.

Боби савуми диссертатсия дар автореферат ба мафҳуми “имкон-ул-вуҷуд” ва масъалаҳои асосии он бахшида шудааст. Дар фасли аввал масъалаи ҷавҳар ва араз ва ё ҳамон даҳ категорияи арастуӣ мавриди таҳлил қарор мегирад. Навгонии муаллиф дар он аст, ки ӯ даҳ категорияро ҳамчун моҳият таҳлил менамояд ва қайд карда аст, ки ҳастӣ ба қатори моҳиятҳо дохил намешавад.

Дар фасли дувуми ин боб масъалаи моҳият ва вуҷуд таҳлил мегардад. Он низ яке аз баҳсҳои бунёдии фалсафаи Сино ба ҳисоб меравад. Дар “имкон-ул-вуҷуд” вуҷуд ва моҳият аз ҳам ҷудо мебошанд ва дар “воҷиб-ул-вуҷуд” бошад, онҳо ҷудо нестанд ва ё “воҷиб-ул-вуҷуд” аслан моҳият надорад. Фасли савуми рисола ба таҳлили масъалаи кулл ва ҷузъ бахшида шудааст. Кулл дар ин фалсафа чун ифодакунандаи моҳият тавсиф ёфта фарқияти он аз ҳақиқат ва куллият шарҳ дода шудааст.

Боби чаҳорум ба масъалаҳои метафизикӣ аз қабили масъалаи сабабият, пешӣ, сипасӣ ва ҳастии билқуввa ва билфеъл бахшида шудааст. Масъалаи сабаб муфассал таҳлил ёфта аст. Умумият дар қиболи ҳар як сабаб дар алоҳидагӣ мавриди таҳлил қарор мегирад. Сабабҳои фоъилӣ ва ғойӣ ҳамчун сабабҳои вуҷудӣ ва сабабҳои моддӣ ва суварӣ - ҳамчун сабабҳои моҳиятӣ шарҳ дода шудаанд. Шарҳи мафҳуми пешӣ ва сипасӣ аз масъалаҳои оддии табиӣ оғоз меёбад ва минбаъд хусусияти метафизикӣ мегирад. Дар мавриди ҳастии билқуввa ва билфеъл бошад, Ибни Сино бар он назар аст, ки чиз аз нестӣ ба ҳастӣ намеояд, балки аз ҳолати билқуввагӣ ба билфеълӣ мегузарад.

Боби панҷуми рисола ба ду масъалаи асосӣ, яке масъалаи офариниш ва дигарӣ ба фалсафаи амалии Ибни Сино бахшида шудааст. Дар фасли аввал назарияи судур матраҳ гардидааст ва ин назария, ки бештар аз

навафлотуния сарчашма мегирад, силсилаи офариниши олами ҳастӣ аз мабдаи аввал то ба фалаки зери моҳро дарбар мегирад. Ин консепсия бо консепсияи исломии офариниш мувофиқат намекунад ва ин боис гардидааст, ки Ибни Сино мавриди танқиди мутакаллимон қарор гирад. Фасли охири рисола доир ба масъалаҳои фалсафаи амалӣ баҳс менамояд. Дар ин бахш афкори фалсафии Ибни Сино нисбат ба масъалаҳои тадбири худ, тадбири хонавода ва тадбири ҷомеа баҳс мешавад. Дар ин ҷо низ як қатор ақидаҳои пешқадами иҷтимоӣ, аз қабили дастгирии нотавонон, занон, барҷомондагон, масъулияти шавҳар дар назди хонавода ва ғайра мавриди муҳокима ва омузиш қарор гирифтаанд.

Хулоса иборат аз 13 банд буда дар он натиҷагириҳо бисёр дақиқ ва возеҳ мебошанд. Тавсияҳо низ ба хотири аз ҷиҳати назарӣ ва амалӣ бештар ошно сохтани муҳаққиқон, аҳли адаб ва хонандагони дигар соҳаҳо пешниҳод гардидаанд, ки ҳамагӣ муфид ва боаҳамият мебошанд. Аз **камбудиҳои** рисола метавон ҳаминро зикр намуд, ки муаллиф метавонист як фасл доир ба зиндагиномаи Ибни Сино пешниҳод намояд. **Камбудии** дигари рисола дар он аст, ки баъзе зербобҳо ҳаҷмат калон омадаанд. Хуб мебуд, ки онҳоро ба ду зербоб тақсим намуда таҳлил меёфтанд. Мавриди зикр аст, ки аҳёнан хатогиҳои имлоӣ ва муҷмалии фикр, афтиши вергул ҳагоми истифодаи ҷумлаҳои тафсилӣ ба назар мерасад.

Дар айни замон аз мазмун ва мундариҷаи автореферат, ки инъикоскунандаи диссертатсия мебошад, ба хубӣ натиҷа гирифтан мумкин аст, ки он дар асоси талаботҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тайёр карда шудааст ва таҳлилу омузиши мавзуи мавриди назар ҳам аз ҷиҳати илмӣ ва шакливу мазмунӣ дар сатҳи олӣ анҷом дода шуда аст. Хулоса,

автореферати диссертатсияи **Шаҳовудинов Нуридин Субҳонқулович дар мавзуи «Масъалаҳои ҳастӣ дар фалсафаи метафизикии Ибни Сино»** ба ҳамаи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, мундариҷаи кор пурра ба ихтисоси зикршуда таърихи фалсафа мувофиқ буда, муаллиф сазовори **дарёфти дараҷаи илмии доктори ҳабилитат аз рӯйи ихтисоси Таърихи фалсафа** мебошад.

Тақриздиҳанда:

Маҳмадҷонова Муҳиба Талатҷоновна
доктори илмҳои фалсафа, профессор
сарходими илмии шуъбаи таърихи фалсафаи
Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи
А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои
Тоҷикистон
Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри_Душанбе , хиёбони Рудакӣ 33
Тел.: (+992) 918877009
E-mail: muhiba@bk.ru

Имзои доктори илмҳои фалсафа, профессор Маҳмадҷонова Муҳиба Талатҷоновна, сарходими илмии шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистонро тасдиқ мекунам.

Сардори шуъбаи кадрҳои Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

НОЗИРИ КАДРҲО

_____ Абдураҳмонзода Б.

Суроғаи муассиса:
734025, ш.Душанбе, хиёбони Рудакӣ 33
Тел.: (+992-372) 215689
E-mail: ifppanrt@gmail.com
13 11 соли 202__.